# ГӮСФАНДИ ЗОТИ ТОҶИКӢ



Тӯли солҳои 1947-1963 таҳти роҳбарии академик Алиев Ғулом Алиевич дар Тоҷикистон офарида шуда-аст, ки ҳамчун комёбии бузурги селексионӣ дар соҳаи чорводории кишвар ба ҳисоб меравад.Барои офаридани ин зот муаллифон усули дурагаку-нии мураккабро истифода намуда, аввал бо мешҳои ҳисорӣ кушқорҳои зоти сароҷиниро,сипас зоти линкол-ниро дурага намудаанд.

Наслҳои бадастомада дар худ хусусиятҳои гушту рав-ғаннокии зоти ҳисорӣ, сер-пашмии сароҷӣ ва ҷилло-нокии пашми зоти линколнро доро мебошанд.

Гӯсфандон сифатҳои хуби маҳсулнокии гӯшту равған, пашми дарозу сафеди ним-дағал дошта, ба шароити ча-рогоҳию айлоқии нигоҳубин хеле мутобиқанд.

Доир ба гӯсфандони зоти тоҷикӣ ҳоло ду хоҷагии зот-парварӣ ва як парваришгоҳ мавҷуданд. Тибқи фармони Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷик-истон №70 аз 13.05.2005 дар ноҳияҳои Хуросон, Левакан, Рӯдакӣ, ҳамчунин Истарав-шан, Ғончӣ ва Б. Ғафурови вилояти Суғд ноҳиябандӣ шудааст.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯи аломатҳои танаву туш ва зудрасии худ шабеҳи гӯсфан-дони ҳисорианд: вазни зиндаи мешҳои калонсол 60-70 кг, қӯшқорҳои наслдеҳ 100-110 кг., беҳтарини онҳо мутоби-қанд то 90 ва 150 кг-ро ташкил медиҳанд.

Вазни қушқорбарраҳои на-взод 5,0-5,5 кг, модабарраҳо 4,5-5,0 кг., дар 4,5 моҳагӣ мутаносибан 40-45 ва 38-32 кг., яксолагӣ -65-70 ва 55-60 кг мебошанд. Вазни рекордии мешҳои зоти тоҷикӣ 143 кг ва қӯшқорҳои наслдеҳ 177 кг мебошанд. Ин гӯсфандон зуд калон мешаванд ва боздиҳи хуби хӯрокӣ доранд.

Баромади маҳсулоти гӯшту равған 55 то 62%-ро ташкил медиҳанд. Вазни миёнаи рав-ғани думбаи гӯсфандони ка-

лонсол 10-12 кг дар гӯсфандони хуб парвариш карда-шуда то 25-30 кг мерасад.

Дар онҳо маҳсулнокии гӯштию равғани ба маҳсулнокии пашм ҳамбастагии зич дорад. Микдори пашми баррахои 4,5 моха 1,2-1,5 кг, микдори пашми солонаи мешҳо – 2,9-3,5 кг., кушқорҳои наслдеҳ 4,0-5,0 кг., баромади нахи тоза 68-72% аст.

Таркиби морфологии пашм: 75-81%- тибит, бо ғафсии 20,5-25 мк., 17-21%- мӯйҳои миёна – 27,3-40,6 мк., ва 2,0-3,7% мӯйҳои дағал ё қил (ост) 54,9-65,0 мк.

Пашми ин гӯсфандон аз рӯи таркиби морфологӣ ва аз ҷиҳати ҷиллонокӣ ва мустаҳкамии наххо дар саноати қолинбофӣ ва барои истеҳсоли рӯйпуш-ҳои патдор, моҳути ғафси патдор (драп) ва дигар мато-ҳои пашмӣ ба таври васеъ истифода мешавад.







**Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ**
**ш.Душанбе, Гипрозем-17**
**тел: 231-06-67**

**Тартибдиҳандагон:**
**Наботов С.Қ., Раҷабов Н.А., Давлатов Х.Қ.**
**Муҳаррири техникӣ: Хоразмшоева С.**

**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ**

# ГӮСФАНДИ ЗОТИ ТОҶИКӢ



**Душанбе - 2024**